## ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ оид ба кори диссертатсионии Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи “Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот” (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод гардидааст.

Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод 22 январи соли 1986 дар шаҳри Панҷакент дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, оиладор, соҳиби 3 фарзанд.

Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод соли 2003 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53 бо баҳои аъло хатм намуда, соли 2004 ба факултаи иқтисодии Донишгоҳи молия ва иқтисодии Тоҷикистон дохил шуда, дар соли 2009 аз рӯи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст. Солҳои 2013-2019 ба ҳайси ассистент дар кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2019 то соли 2023 ба ҳайси унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ дар мавзӯи “Мукаммалгадонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот” (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон) таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом додааст. Дар давраи омода кардани диссертатсия унвонҷӯйи Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод ба ҳайси мутахассиси Раёсати таҳсилоти олии касбии ва баъдидипломии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Диссертатсияи Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи “Мукамалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот” (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон) дар шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ иҷро гардидааст.

Айни замон Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи “Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот” (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон) диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) омода намудааст. Диссертатсия дар шуъбаи таҳқиқоти институсионалии ИИД АМИТ дар давраи 2019– 2023 омода гардидааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод хеле мубрам мебошад, зеро тағйироти сифатии суратгиранда дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, аз он ҷумла фазои таҳсилотии мамлакат, ки дар он муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолият мекунанд, боиси азнавсозии рафтори иқтисодии онҳо гардид ва роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ маҷбур шуданд, ки манбаъҳои дигари тиҷоратиро ҷустуҷӯ намоянд. Ташкили имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва

идоракунии он ба ҳайси захираи муҳимми мавқеъёбии самаранок дар бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ амал мекунад. Аммо дар корҳои олимон–иқтисоддонони ватанӣ мавзуи омилҳо ва роҳҳои баланд бардоштани имиҷи мусбати муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчун дороии ғайримоддии муҳимми рушди онҳо ҳанӯз мавриди таҳқиқи фарогир қарор нагирифтааст.

Бино бар омӯзиши шартҳо ва омилҳои ташаккули имиҷи муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва коркарди асосҳои консептуалии ташкили он аҳаммияти мавзуъро муайян менамояд ва сабаби интихоби мавзуи таҳқиқотии ӯ ҳам шудааст. Гумон мекунам, ки диссертасияи унвонҷӯй нахустин кори илмиест, ки дар фазои илмии кишвар ба масаълаҳои коркарди асосҳои назарию амалии мукаммалгардонии механизми баланд бардоштани дороиҳои ғайримоддии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси таҳқиқи шароитҳо ва омилҳои ташаккулу рушди имиҷ бахшида шудааст.

Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кори илмӣ ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамии он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи унвонҷӯй анҷом шудааст. Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод мустақилона доир ба такмили сохтор ва механизмҳои ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, доир ба такмили методи арзёбии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳодот коркард намудааст, ки арзишҳои назарию амалӣ дорад.

Натиҷаҳои назарӣ, методологӣ ва методие, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи унвонҷӯй ба шакли маъруза дар якчанд конференсияи илмӣ-амалии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва конференсияҳое, ки дар Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ баргузор гадида буданд, пешниҳод гардидаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар семинарҳои назари ва ҷаласаҳои шуъбаи таҳқиқоти институсионалӣ мунтазам мавриди баррасӣ қарор меёфтанд. Асоснокии хулосаву пешниҳодҳо дар пояи асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷӣ дар соҳаи рушди соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва коркарду таҳлили итилооти воқеии доир ба тағйироти сохторию тамоюли рушди соҳаи таҳсилоти олии касбӣ сурат гирифтааст.

Теъдоди корҳои нашршуда имуаллиф, ки дар давоми фаъолияташ таҳия шудаанд, аз доираи фаъолияти ӯ хабар медиҳанд. Оид ба мавзуи диссертатсия 11 кори илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар феҳристи маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда ба чоп расидаанд.

Диссертатсияи Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи “Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот”(дар мисоли имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон) кори илмии анҷомёфта мебошад, ҳадафҳову вазифаҳо ва муаммоҳои илмии гузошташуда ҳалли хулро ёфтаанд. Бино бар он,

диссертатсияи Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимуродро, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо омода гардидааст, метавон барои ҳимоя ба Шурои диссертасионӣ пешниҳод намуд.

**Роҳбарииилмӣ,**
муовини директор оид ба корҳои
илм ва таълими Институти иқтисодиёт
ва демографияи АМИТ
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов А.Б.

Имзои А.Б. Мирсаидовро тасдиқ мекунам:

Инспектори калон оид ба кадрҳои ИИД АМИТ ҚурбоновЭ.

Суроға: 734024 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 44. Тел/факс (+992 37) 221-67-50, E-mail: info@ied.tj Сайт: www. ied.tj